# Тақризи роҳбари илмӣ

Ба диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзуи “Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Истифода бурдани заминҳои лалмии кишвар манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ маҳсуб ёфта, парваришу истеҳсоли зироатҳои лӯбиёгии серсафеда ва равғандеҳ, аз қабили мушунг, маъсар ва зағир, аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо маҳсулоти ғизоӣ ва равғани истеъмолии ватании аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин менамояд.

Мавзӯи кори диссертатсионии Солиҳов М.М. самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №658 аз 31 декабри соли 2008 оид ба рушди таъминоти илмии комплекси агросаноатии мамлакат равона гардидааст мувофиқ мебошад.

Мақсади асосии кори диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич – ин такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии аз боришот таъмин ва дар ин замина илман асоснок намудани маҳсулнокии навъҳои маҳаллии зироатҳои мушунг, зағир ва маъсар мутобиқ ба дигаргуншавии иқлим.

Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич Бори аввал дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини Тоҷикистони Марказӣ дар асоси гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ самаранокии технологияи захираи намӣ вобаста аз чуқурии коркарди хок муайян карда шуд, ки он рӯёнидани ҳосили баланд ва устувори зироатҳои мушунг, зағир ва маъсарро таъмин менамояд. Инчунин, бори аввал таъсири чуқурии коркарди хокро ба ташаккулёбии биомассаи биологӣ. масоҳати барг, нишондодҳои фотосинтетикӣ ва сохтори таркибии ҳосили ва маҳсулноки зироатҳои лӯбиёдонагӣ ва равғандиҳанда исбот намуд.

Мавзуъи тадқиқотии Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич аз ҷиҳати муҳимияти, дараҷаи илмии омузиш, навгонии илмӣ ба талаботи имрузаи соҳаи кишоварзӣ пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияро шахсан худи докторант иҷро намуда, натиҷаҳои илмии бадастовардашуда тадқиқотҳои мустақилонаи Солиҳов М.М. мебошад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар 17 маводҳои илмӣ, аз он ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Кори диссертатсионии Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзӯъи "Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор" ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101–Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ
доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор — Набиев Т.Н.

Суроға:734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Имзои Т.Н. Набиев – ро тасдиқ
менамоям: сардори шуъбаи
таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Раджабова Н.А.